آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Банӣ одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

25 апрели соли 2026 Шанбе № 33 (15252)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# СУРЪАТҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ТАҲЛИЛ ВА ВАЗИФАҲОИ АФЗАЛИЯТНОК МУАЙЯН ГАРДИДАНД

***24 апрел таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба таҳлили рушди иқтисодии минтақа ва соҳаҳо дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ва муайян кардани вазифаҳои афзалиятнок то охири сол ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.***

Дар оғози ҷамъомад натиҷаҳои макроиқтисодӣ, ки дар семоҳаи аввал ба даст омаданд, баррасӣ шуданд. Бахусус, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 8,7, саноат 8, хидматрасонӣ 16,1 ва кишоварзӣ 5,1 фоиз афзоиш ёфтанд. Ҳаҷми содирот 5,8 миллиард доллар ва сармоягузории хориҷӣ 13,7 миллиард долларро ташкил кард. Сатҳи таваррум дар ҳисоби солона бори аввал то 7,1 фоиз поин рафт.

Дар натиҷа тӯли моҳҳои январ–март даромадҳои буҷет нисбат ба соли гузашта 35 фоиз зиёд шуда, ба 103 триллион сӯм расид. Дар буҷетҳои маҳаллӣ 2 триллиону 200 миллиард сӯм маблағи иловагӣ ташаккул ёфт. Муҳимтар аз ҳама, аз ин маблағ 1 триллиону 400 миллиард сӯм дар ихтиёри ноҳия ва шаҳрҳо гузошта шуд.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки барои дар сатҳи байналмилалӣ ба марҳилаи нав баровардани иқтисодиёт ислоҳоти бонизом амалӣ мегардад. Аз ҷумла, моҳи оянда 30 фоизи дороиҳои давлатӣ ба маблағи 2 миллиарду 400 миллион доллар бори аввал ба бозорҳои байналмилалии молиявӣ бароварда мешаванд. Ин ба таъсиси Фонди миллии сармоягузорӣ ва вогузории идоракунии 13 корхонаи стратегӣ ба ширкати бонуфузи «Franklin Templeton» вобаста мебошад.

Таъкид гардид, ки дар гузориши ҳафтаи гузаштаи Хазинаи байналмилалии асъор, рушди пурзӯр ва устувори иқтисодии худро нигоҳ доштани Ўзбекистон тавассути фаъолии баланди иқтисодӣ зикр гардидааст. Ҳамчунин, соли ҷорӣ кишвари мо дар «Шохиси озодиҳои иқтисодӣ» 14 зина боло рафта, бори аввал дар радифи давлатҳои дорои «иқтисоди мӯътадилу озод» ҷой гирифт.

Ҳамзамон, Президент таъкид кард, ки аз натиҷаҳои семоҳаи аввал болидахотир шуда, хотирҷамъ гардидан комилан нодуруст аст. Дар шароити кунунӣ, ки зиддиятҳои ҷаҳонӣ, ихтилофҳо ва рақобат барои ҳукмронӣ шиддат мегиранд, иқтисоди ҷаҳонӣ дигар мисли пешин “ором” нахоҳад буд. Гуфта шуд, ки дар чунин вазъ услуби кор, муносибат ва ҷаҳонбинии худро куллан тағйир додани ҳамаи роҳбарон зарур аст.

Дар ҷамъомад масъалаҳои рушди тиҷорати хурд ва миёна махсус таҳлил карда шуд. Имсол тавассути бонкҳо ба ин самт 140 триллион сӯм равона мегардад. Аз ҳисоби ҳар 1 миллиард сӯм кредите, ки ба тиҷорати хурд дода шудааст, дар шаҳри Ширин 20-то, дар Учқудуқ 17-то, дар Хонобод ва Сӯх 14-тоӣ ва дар ноҳияи Томдӣ 13 ҷойи кори доимӣ таъсис ёфтааст.

Аммо дар ноҳияҳои Учкӯприк, Пискент, Бӯстонлиқ, Кармана, Қӯрғонтепа ба ҳар 1 миллиард сӯм кредит ба ҳисоби миёна 3 ҷойи кор рост меояд.

Аз ин рӯ, зарурати истифода аз имконоти зеҳни сунъӣ ҳангоми тақсимоти захираҳои кредитӣ таъкид гардид. Ба масъулони соҳа супориш шуд, ки дар бонкҳои ноҳиявӣ бозомӯзии кор бо зеҳни сунъӣ роҳандозӣ шавад, дар бонкҳо платформаи «Мушовири зеҳни сунъӣ» ба кор дароварда шавад. Гуфта шуд, ки ин платформа бояд барои соҳибкорон бо таҳлили параметрҳои лоиҳа, хавфҳо ва талаботи бозор барои гирифтани кредит усулҳои роҳи ҳалро пешниҳод намояд.

Камбудиҳо бобати кор бо соҳибкорон низ сахт танқид карда шуд. Зикр гардид, ки баъзе роҳбарон ба ҷойи ҳалли мушкилоти соҳибкор, аз масъулият мегурезанд ва ҳангоми ба сатҳи ҷумҳурӣ расидани масъала, бештар ба сафед кардани худ машғул мешаванд.

Масалан, дар шаҳри Нурафшон ба ҷойи кӯмак ба соҳибкоре, ки ду сол боз бинобар монеаҳои бюрократӣ сохтмонро оғоз карда наметавонад, масъулон бо ҷустуҷӯи он машғул шудаанд, ки чӣ гуна ин маълумот то сатҳи Президент расидааст. Ҳамчунин қайд гардид, ки дар ноҳияҳои Ғузор, Нарпай, Урганч, Янгийӯл, Чиноз новобаста аз ҷудо гардидани 262 миллиард сӯм барои инфрасохтори соҳибкорӣ, лоиҳаҳо ҳанӯз оғоз нашудаанд. Ба ҳокимони вилоятҳои дахлдор дастур дода шуд, ки мувофиқати ин роҳбаронро ба вазифаи худ бозбинӣ намоянд.

Дар ҷамъомад ба масъалаи ҷилавгирии таваррум диққати махсус дода шуд. Сарвари давлат таъкид кард, ки баробари рушди иқтисод, таваррум ҳам афзоиш ёбад, дар ҳаёти мардум ва соҳибкорон дигаргуниҳои мусбат мушоҳида нахоҳад шуд.

Аз оғози сол дар ҷаҳон нархи нафт 40 фоиз боло рафтааст. Бар асари низоъҳо дахлезҳои логистикӣ тағйир ёфта, хароҷоти ҳамлу нақл барои содироти маҳсулоти маҳаллӣ ва воридоти молҳои асосии истеъмолӣ 25–30 фоиз зиёд шудааст. Ин ба нархҳо дар бозори дохилӣ фишори иловагӣ меорад.

Ҳамзамон таъкид шуд, ки бо баҳонаи фишорҳои беруна, корҳои вобаста ба таваррум набояд ба ҳоли худ гузошта шаванд. Гуфта шуд, ки 70 фоизи маҳсулот ва хидматрасониҳои сабади истеъмолӣ маҳаллӣ мебошанд. Дар робита ба ин, дар назди масъулон ва ҳокимон вазифа гузошта шуд, ки соли ҷорӣ барои нигоҳ доштани таваррум дар сатҳи 6,5 фоиз пешниҳоди маҳсулоти маҳаллиро зиёд намуда, нархҳоро арзон кунанд.

Масъалаҳои амнияти озуқаворӣ низ ҳамаҷониба баррасӣ шуданд. Дар натиҷаи қатъшавиҳо дар логистика, дар семоҳаи аввал воридоти чорвои калон ду баробар кам шудааст. Ҳамчун роҳи ҳалли фаврӣ тартибе роҳандозӣ шуд, ки барои ҳар сар чорвои зотӣ, ки бо ҳавопаймо интиқол дода мешавад, то 4 миллион сӯм, ҳамчунин ҳангоми воридоти гӯшт нисфи хароҷоти нақлиётӣ ҷуброн карда мешавад.

Таъкид гардид, ки дар семоҳаи дуюм воридоти 45 ҳазор тонна ва то охири сол дар маҷмӯъ 130 ҳазор тонна гӯшт бояд таъмин карда шавад. Ба масъулон супориш шуд, ки дар кадом самт монеа пайдо шавад ё бор дар роҳ бозмонад, мунтазири муроҷиати соҳибкорон нашуда, тавассути мониторинги онлайн фавран ҳал намоянд.

Дар 478 ҳазор гектар замини минтақаҳо кишти зироати хӯроки чорво ба нақша гирифта шудааст. Аммо то ҳол дар 74 фоизи заминҳои хӯроки чорвои Намангон кишт анҷом наёфтааст, дар ноҳияҳои Зарбдор, Қизилтеппа ва Поп, ки барои чорводорӣ имконияти хуб доранд, кишти силос оғоз нагардидааст, дар Амударё, Ғиждувон, Хонқа ва Бағдод низ корҳо дар ин самт ғайриқаноатбахш ҳастанд, ки ин ҳама танқид карда шуд.

Дар асоси низоми нав ба музояда гузоштани боз 100 ҳазор гектар замини кишт муайян гардидааст. Гуфта шуд, ки ин заминҳо бояд ҳарчи зудтар ба музояда гузошта шуда, барои кишт истифода шаванд. Таъкид гардид, ки ба соҳибкороне, ки плантатсияҳои саноатӣ ташкил медиҳанд, имтиёз ва захираҳои молиявӣ дода мешаванд ва ба ҳокимони вилоятҳо супориш шуд, ки имсол на кам аз 5 плантатсияи бузурги меваю сабзавоти саноатиро ба таври намуна таъсис диҳанд.

Дар ҷамъомад масъалаҳои саноат ва содирот низ аз нигоҳи танқидӣ таҳлил шуданд. Қайд гардид, ки ноҳияҳои Қамашӣ, Қаршӣ, Миришкор, Арнасой, Шароф Рашидов, Янгиобод, Навбаҳор, Косонсой, Қумкӯрғон, Фурқат, Шовот, Шайхонтаҳур ва Сергелӣ натавонистанд нишондиҳандаҳои пешбинишудаи саноатро иҷро намоянд. Дастур дода шуд, ки ба ҳокимони ин 13 ноҳия вобаста ба ҳаҷми камбуди иҷрои нақша чораҳои интизомӣ андешида шаванд.

Гуфта шуд, ки гарчанде пешниҳоди мис дар бозори дохилӣ зиёд шудааст, ҳаҷми коркарди он моҳе аз 6 ҳазор тонна бештар намешавад. Дар натиҷа, дар семоҳаи аввал рушди саноат дар соҳаи электротехника ба ҷойи 11,2 фоизи пешбинишуда 7,8 фоизро ташкил дод, нишондиҳандаи содирот ҳамагӣ 57 фоиз иҷро гардид.

Ба шахсони масъул супориш дода шуд, ки ба ҳар як корхонае, ки ҳаҷми истеҳсол ва содироташ коҳиш ёфтааст, ташриф оварда, дар маҳал масъалаҳои марбут ба маблағгузории содирот ва лоиҳаҳои сармоягузориро фавран ҳал намоянд. Вазифа гузошта шуд, ки аз рӯи натиҷаи семоҳаи дуюм ҳаҷми истеҳсол дар соҳа ба 25 триллион сӯм ва содирот ба 1 миллиард доллар расонида шавад.

Ҳамчунин ба масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳо диққат дода шуд. Қайд гардид, ки бисёр кишварҳо дар саноат ва бахши хизматрасонӣ усулҳои пешрафта, ба мисли «Кайдзен» ва «lean production»-ро истифода мебаранд. Дар кишвари мо низ тақрибан 50 соҳибкор ба ҷорӣ намудани чунин равишҳо шурӯъ кардаанд. Таъкид шуд, ки ин кофӣ нест, ба ин муносибат ба Вазорати иқтисод ва молия супориш дода шуд, ки дар соли ҷорӣ дар 100 корхона барномаҳои баланд бардоштани самаранокиро ҷорӣ намуда, барои ин 30 миллион доллар грант ҷалб кунад.

(Давомаш дар саҳ.2).

### *Соҳибкорони намангонӣ содироти яхмосро вусъат медиҳанд*

*Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Обид Файз БМ», ки дар ноҳияи Янги Намангон ҷойгир аст, чанд сол инҷониб барои ниёзи аҳолӣ шириниҳои гуногун ва маҳсулоти яхмос истеҳсол мекунад.*

*Алҳол дар корхона 25 нафар коргар кор мекунанд. Иқтидори истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки дар як моҳ то 80 тонна маҳсулот истеҳсол карда шавад. Корхона 10 намуди ширинӣ ва 5 намуди яхмос истеҳсол мекунад. Маҳсулоти корхона на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар кишварҳои ҳамсоя низ харидор дорад. Аз ҷумла, дар соли 2025 маҳсулот ба маблағи 25 ҳазор доллар ба Қирғизистон содир карда шуд.*

*Имсол корхона нақша дорад, ки ба маблағи 2,5 миллиард сӯм маҳсулот истеҳсол кунад ва ба бозорҳои хориҷӣ ба арзиши 50 ҳазор доллар содир намояд.*

***Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***



# ЛОИҲАИ БУЗУРГ – ДАР АМАЛ

### *Дар деҳаи Чодаки ноҳияи Поп боз як лоиҳаи бузург амалӣ мешавад*

***Ширкати «China Energy Overseas Investment Company Limited» нақша дорад, ки як системаи муосири нигоҳдории барқро бо иқтидори 100 МВт бунёд кунад.***

***Арзиши лоиҳае, ки 220 миллион долларро ташкил медиҳад, на танҳо барои соҳаи энергетикаи минтақа муҳим аст, балки барои рушди устувори иқтисодӣ ва ҷорӣ намудани инноватсия аҳамияти стратегӣ дорад.***

***Лоиҳа барои устувории энергетикӣ ва рушди иқтисодии минтақа як қадами нав аст.***

Дар бораи лоиҳаи бузург ба мо аз шуъбаи сармоягузорӣ, саноат ва тиҷорати ҳокимияти ноҳия маълумот доданд.

Системаи муосири нигоҳдории барқ имкон медиҳад, ки энергияро дар давраи камбориш захира кунад ва дар давраҳои талабот ба шабака интиқол медиҳад. Ин қатъи барқро коҳиш медиҳад ва фишорро ба шабака устувор мекунад.

Устуворӣ дар бахши энергетика барои аҳолӣ ва соҳибкорон низ хеле муҳим аст. Аз ин рӯ, лоиҳа на танҳо аз нигоҳи техникӣ, балки аз нигоҳи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ низ муҳим аст. Соҳибкорон барои афзоиши кор дар соҳаи гуногун аз қатъи барқ низ оқилона истифода мебаранд.

Сармоягузориҳои калон ба афзоиши иқтисодиёти ноҳия аҳамияти калон дорад. Ҳам дар марҳилаи сохтмон ва ҳам пас аз ба истифода додани иншоот ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешаванд. Ин, инчунин, барои аҳолии маҳаллӣ имконияти муҳим фароҳам меорад. Зеро онҳо барои бо технологияи замонавӣ кор кардан таҷриба пайдо мекунанд.

Ғайр аз ин, лоиҳа барои таъминкунандагон ва корхонаҳои хизматрасонии маҳаллӣ имкониятҳои навро фароҳам меорад. Масалан, талабот ба масолеҳи сохтмон, таҷҳизоти техникӣ ва хидматрасонии нақлиёт дар бозори маҳаллӣ метавонад боз ҳам афзоиш ёбад.

Айни замон корҳои сохтмон ва пудрат бо суръати баланд идома дорад. Дар маҷмӯъ 100 коргар кор мекунад, ки аз ин 60 нафарашон аз Чин омадаанд.

Дар доираи лоиҳа корҳои сохтмон мувофиқи стандартҳои замонавӣ ба анҷом расида, ба қоидаҳои бехатарии техникӣ низ аҳамияти калон дода мешавад. Чунин системаҳои нигоҳдории энергия дар муттаҳидсозии энергияи офтобӣ ва бодӣ нақши муҳим доранд. Ин дар минтақа барои рушди иқтисоди сабз низ аҳамияти калон дорад. Ин системаҳо қатъи барқро кам мекунанд ва самаранокии энергияро афзоиш медиҳанд. Ин ҳамкорӣ инчунин технологияи замонавии чинӣ ва таҷрибаи мутахассисони маҳаллиро муттаҳид мекунад. Таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои аҳолӣ даромад ва имкониятҳои иловагиро фароҳам меорад.

Мутахассисони маҳаллӣ инчунин ҷиҳати кор бо технологияи замонавӣ таҷриба пайдо мекунанд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

# ҶУБРОНИ ХАРОҶОТИ БАРҚ ВА ГАЗ: МЕХАНИЗМ ЧӢ ГУНА АМАЛ МЕКУНАД?

***Дар солҳои охир масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикӣ ва ҳифзи табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат табдил ёфтааст. Бо боло рафтани тарифҳои барқ ва газ, зарурати ҳифзи оилаҳои камдаромад боз ҳам бештар эҳсос гардид. Маҳз ба ҳамин мақсад аз 1 майи соли 2025 дар Ўзбекистон низоми нави ҷуброни хароҷоти неруи барқ ва гази табиӣ барои қишрҳои ниёзманди аҳолӣ ҷорӣ гардид. Ин иқдом ба ҳадафи тақвияти ҳифзи иҷтимоӣ ва коҳиши таъсири болоравии тарифҳо роҳандозӣ шудааст.***

Тибқи маълумоти масъулон, ҷуброн пеш аз ҳама ба оилаҳое равона мешавад, ки дар «Реестри ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ» ба қайд гирифта шудаанд ё даромади паст доранд. Механизм чунин амал мекунад: агар истеъмоли барқ ва ё гази табиӣ аз меъёри муқарраршуда зиёд аст, давлат фарқи байни тарифҳои одӣ ва баландшударо мепӯшонад. Дар ин ҳолат ҷуброни барқ то 150 кВт/соат дар як моҳ, гази табиӣ дар фасли сармо то 250 метри мукааб дар як моҳ (дар дигар моҳҳо то 150 метри мукааб) пардохта мешавад. Дар соли 2025 ҷуброн танҳо дар фасли зимистон дода мешуд. Ҳоло бошад, ҳар моҳ дар давоми сол пардохт мешавад.

– Кӣ ҳуқуқ ба гирифтани ҷуброн дорад? – муроҷиат намудем ба мудири шуъбаи таъминоти иҷтимоии Маркази хидматҳои иҷтимоии ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ Усмон Турсунов.

– Ҷуброн ба оилаҳое дода мешавад, ки дар «Реестри ягонаи ҳифзи иҷтимоӣ» ё реестри камбизоатон сабт шудаанд, ҳамчунин ба оилаҳое, ки дар реестр нестанд, аммо даромади ҳар як аъзои оила кам аст ва вазъи оилавии онҳо аз ҷониби маҳалла тасдиқ мешавад. Сарвари оилаи камбизоат метавонад тавассути марказҳои иҷтимоии «Инсон», кормандони иҷтимоӣ дар маҳалла ва ё бо муроҷиат тавассути телефон/онлайн дархост пешниҳод намояд. Ин раванд нишон медиҳад, ки давлат кӯшиш дорад, доираи фарогирии кумакҳои иҷтимоиро васеъ намояд.

Мувофиқи тартиби амалкунанда, ҷуброн барои қисми муайяни истеъмоли барқ ва газ, ки аз меъёри асосӣ зиёд аст, пардохт мешавад. Мисолан, барои барқ ҷуброн то ҳаҷми муайяни истеъмоли изофӣ дода шуда, барои газ низ вобаста ба фасли сол меъёрҳои алоҳида пешбинӣ гардидаанд. Ин меъёрҳо барои ҳавасманд кардани аҳолӣ ба сарфакорӣ ва истифодаи самаранокии захираҳо низ хидмат мекунад.

Чун дар боло зикр гардид, яке аз навгониҳои ин низом дар он аст, ки ҷуброн дигар танҳо ба фасли зимистон маҳдуд намешавад. Агар қаблан чунин дастгирӣ асосан дар зимистон амалӣ мегардид, акнун он дар тамоми сол идома меёбад. Ин тағйирот ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолии камбизоат мусоидат мекунад ва бори молиявии онҳоро коҳиш медиҳад.

Раванди дарёфти ҷуброн низ содатар гардидааст. Шаҳрвандон метавонанд тавассути марказҳои хидматрасонии иҷтимоӣ, сохторҳои маҳалла ва ё бо роҳҳои электронӣ муроҷиат намоянд. Ин ба шаффофият ва дастрасии бештари хидматрасониҳо имконият фароҳам меорад.

Дар маҷмӯъ, ҷорӣ гардидани тартиби нав ҷуброни хароҷоти барқ ва газ як қадами муҳим дар роҳи таҳкими ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Он натанҳо ба дастгирии оилаҳои камбизоат равона шудааст, балки фарҳанги истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикиро низ ташвиқ мекунад. Ин иқдом метавонад муддати дароз ба таъмини суботи иҷтимоӣ ва беҳбуди шароити зиндагии шаҳвандон мусоидат намояд.

Ба гуфтаи Усмон Турсунов, шумораи муроҷиаткунандагон рӯз аз рӯз меафзояд. Ин нишон медиҳад, ки мардум аз имкониятҳои пешниҳодшуда фаъолона истифода мебаранд ва чунин дастгирӣ барои онҳо муҳим аст.

Дар чоряки аввали соли 2026 дар ноҳияи Нурато ба 929 оила барои барқ ва гази табиӣ 39,8 миллион сӯм ҷуброн карда шудааст. Аз он ба 286 оила барои барқ 25,9 миллион сӯм ва ба 643 оила барои гази табиӣ 13,9 миллион сӯм ҷубронпулӣ пардохта шуд.

Ҳамзамон, аксар сокинони ноҳия бар ин назаранд, ки раванди мазкур кӯмакест ба дастгирии оилаҳои камбизоат. Сокини шаҳри Нурато Шамсӣ Қобилов мегӯяд, ки мо дар як ҳавлӣ се оила иборат аз 12 нафар зиндагонӣ дорем. Хоҳ-нохоҳ истеъмоли барқ ва гази табиӣ аз андоза зиёд аст. Қарори давлат оиди ҷуброни хароҷоти барқ ва гази табиӣ ба манфиати мо мебошад. Аз чунин раванд мо миннатдор мебошем.

Дар маҷмӯъ, татбиқи механизми нави ҷуброн як қадами муҳим дар самти таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ ба шумор меравад. Ин иқдом метавонад дар оянда ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои энергетикӣ мусоидат намояд.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

*Эътибор*

# СИПОСГУЗОРИИ БОНУВОНИ ҚАДРШИНОС

*Агар мо хоҳем, ки дар ҷамъиятамон адолати иҷтимоӣ ва эҳтиром ба қадри инсонро таъмин кунем, бояд дар маҳалҳо низоми нави босамарро ба роҳ монем, ниёзмандонро дастгирӣ ва ҳавасманд гардонем.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ.***



20 феврали соли 2024 таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид. Дар он масъалаҳои муҳими соҳаи ҳимояи иҷтимоӣ муҳокима гардида, барои такмили ин бахш ҷорӣ намудани низоми нав ва ворид намудани як қатор дигаргуниҳо пешниҳод гардиданд.

1 июни соли 2023 фармон дар бораи беҳтар намудани сифати хидматрасониҳои иҷтимоӣ ва дастгирии аҳолӣ қабул гардида, инчунин Агентии миллии ҳимояи иҷтимоии назди Президент созмон дода шуд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки низоми мавҷудаи ҳимояи иҷтимоӣ ба такмил ниёз дорад. Зеро тайи 30 соли охир ҷиддӣ тағйир наёфта, бо тақсим намудани маблағи давлат маҳдуд гаштааст. Ин ба он оварда расонд, ки қисми аҳолии ба кумак одаткарда, барои беҳсозии вазъияташ кӯшиш намекард.

Барои мисол, далелҳои бетанаффус пардохтани кумакпулӣ ба шахсони қобили меҳнат ифшо гаштаанд. Ба реабилитатсияи тиббӣ ва иҷтимоӣ, инчунин ба касбомӯзии маълӯлон эътибори бояду шояд дода намешуд.

Президент аҳамияти қатъиян таҷдиди назар намудани системаро таъкид карда, эътиборро ба тақсимоти мақсаднок ва босамари мадади иҷтимоӣ нигаронд.

– Дар ин соҳа тибқи тартиби умумӣ кор кардан ғайриимкон аст. Ба ҳар як кас алоҳида, ба тақдири ҳар як оила ва шахс аз нигоҳи касбӣ бояд таваҷҷуҳ намуд. Агар хидмати иҷтимоӣ дуруст ташкил карда шавад, шаҳрвандони муҳтоҷ ҷойи худро дар ҷамъият ба осонӣ пайдо менамоянд, – гуфт Президент.

Баланд бардоштани шаффофият ва дақиқ омӯхтани эҳтиёҷи аҳолӣ имкон дод, ки рӯйхати мададгирандагон аз нав баррасӣ гардид. Аз он шахсоне хориҷ карда шуданд, ки дорои даромади устувор мебошанд. Ҳамзамон ба беш аз ду ҳазор одамони ниёзманду бепарастор ғамхорӣ зоҳир гардид.

Роҳандозии пурсиши ягона ба намояндагони «ҳафтгонаи маҳалла» имкон медиҳад, ки ҳангоми ҳамкорӣ бо аҳолӣ имконот ва мушкилоти онҳоро муайян намоянд.

Тамоми низоми хидмати иҷтимоӣ дар маҳалла марҳила ба марҳила ба ташаккул додани шартномаи хидматҳои иҷтимоӣ гузаронда мешавад. Дар ин сурат хидматрасон ва ҳам гирандаи кумак ӯҳдадориҳои муайянро ба зиммаи худ мегирад. Ба рӯйхати кумакгирандагон дар навбати аввал оилаҳои шахсони маълӯл, аз парастории волидайн маҳрумгардида, бепарастор ва ҳамчунин онҳое, ки бино бар вазъи саломатӣ ё худ дигар сабабҳо муддати зиёд қобилияти меҳнатиро аз даст додаанд, дохил карда мешаванд. Зимни дохил намудани дигар шаҳрвандон ба «рӯйхати иҷтимоӣ» нафақат даромади онҳо, балки хароҷоташон низ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар оянда дар ноҳияҳо марказҳои бисёрсамтаи хидматрасонии иҷтимоӣ барои реабилитатсия, солимгардонӣ ва омӯзиши нигоҳубини маъюбон роҳандозӣ мегардад. Барои корхона ва ташкилотҳое, ки чунин шахсонро ба кор ҷалб мекунанд, як қатор имтиёзҳо пешбинӣ гардидааст.

Таъкид шуд, ки на ҳамаи занон ва кӯдаконе, ки аз зӯроварӣ зарар дидаанд, бо реабилитатсия фаро гирифта шудаанд. Аз ин рӯ, дар дараҷаи маҳалла низоми алоҳида ташкил карда шуд. Барои дастгирии модарони ҷавон дар вазъиятҳои мураккаб ва бартарафсозии ятимии иҷтимоӣ хидмати «Хонаи модар» роҳандозӣ гардид. Ғайр аз ин, дар беморхонаҳои ноҳиявӣ утоқҳои шабонарӯзӣ барои расондани ёрии тиббӣ ва равонӣ ба шахсони аз зӯроварӣ зарардида ташкил карда мешаванд.

Имрӯзҳо дар чаҳорчӯби чунин пешниҳодҳо дар маҳаллаҳо аз рӯйи лоиҳаи «Кумаки иҷтимоӣ ба занону духтарон» , ки бо ташаббуси ҳокимияти шаҳру ноҳияҳо, иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои мутасаддӣ созмон ёфтааст, чорабиниҳои маърифативу фарҳангӣ ва саёҳатҳо ба мавзеъҳои зебои кишвар ташкил карда мешаванд.

Ба қарибӣ таҳти сарпарастии ҳокимияти шаҳри Тошканд, Федератсияи иттифоқҳои касаба ва ҳокимияти ноҳияи Янги ҳаёт як гурӯҳ занони фаъол, ба кумаки иҷтимоӣ муҳтоҷ, танҳо ва серфарзанд, занону духтароне, ки шомили «Дафтари занон» мебошанд, ба гӯшаҳои зебоманзари ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд раҳсипор шуданд.

– Модар тарбиятдиҳанда буда, нозукиҳои зиндагиро ба духтарон аз хурдсолӣ ёд медиҳад. Зеро духтар – модари оянда. Ӯ бояд нозукиҳои хонаводагиро аз модар ё дигар аъзои калонсоли оила омӯзад, то дар оянда модари беҳтарин шавад. Имрӯз модарони мо баробари иҷрои рисолати аслӣ, яъне тарбияи насли наврас, ҷавонон ва насли ояндасоз, инчунин, парварандаи сиёсатмадору олим, омӯзгору табиб, ҳунарманду варзишгар, соҳибкори муваффақу коршинос буда, дар рушди ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ, яъне ободии ҷумҳурӣ саҳми босазою арзишманд доранд. Солҳои охир ҳукуматамон барои ҳифзи саломатии модарону духтарон, истироҳати хуби онҳо корҳои назаррасро анҷом медиҳад, – мегӯяд ҷонишини ҳоким, роҳбари Саридораи оила ва занону духтарони шаҳри Тошканд Шаҳноза Султонова.

– Мо – модарон аз ин гуна ғамхорӣ, эътибор ва гиромидошти ҳукуматамон басе миннатдорем. Дар давоми се рӯз аз ташвишу кору бори зиндагӣ фориғ шуда, аз ҳавои тозаву беғубор, манзараҳои дилкаш, меҳмонхонаи муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти муосир, хӯрокҳои лазиз, меҳмоннавозии ходимони меҳмонхона баҳраманд гардидем. Ҳунарпешаҳои номдори ҷумҳурӣ бо сурудаҳои худ табъи истироҳаткунандагонро шод гардонданд, – мегӯяд Манзура Раҳимова аз маҳаллаи «Истиқлол»-и ноҳияи Янгиҳаёт.

Оре, ширинтарин ва лазизтарин сухане, ки ба забон меорем Модар аст. Модаре, ки шабҳо дар бари гаҳвораи мо нишаста, алла мехонад, аз нотобии мо ранҷ мекашад, раҳпоӣ менамояд, бо дастони нармаш сари моро сила мекунад. Танҳо бо меҳру муҳаббат, сухани нарму зебо ва ақидаҳои шоистаи модар фарзандон дуруст ба камол расида, обрӯю эътибори хонаводаро дар байни ақрабо, аҳли ҷомеа ва берун аз он баланд мебардоранд.

– Ман се фарзанд дорам. Дар поликлиникаи оилавии маҳаллаамон ҳамшира мебошам. Оилаи тинҷу осуда доштам. Баъди ба садамаи автомобил дучор шуда, аз олам гузаштани шавҳарам дунё ба назарам торик гардид. Бори падарию модарӣ бар дӯш фарзандонамро ба воя расондам, хонондам, соҳиби оила гардондам. Баъди кори давлат дар хона хӯрок пухта ба бозор мебаровардам, саҳарӣ то вақти кор кӯчаҳои маҳалларо мерӯфтам. Ҳамон рӯзҳои гузарондаамро пеши назар оварам, дилам озурда мегардад ва ба ҳаёти имрӯзаам шукр мегӯям. Ба ҳукуматамон сипосгузорӣ мекунем, ки ба мо – бонуҳои танҳову бепарастор ғамхорӣ зоҳир менамояд, – мегӯяд Манзураапа аз маҳаллаи «Янги турмуш»-и ноҳияи номбурда.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# СУРЪАТҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ТАҲЛИЛ ВА ВАЗИФАҲОИ АФЗАЛИЯТНОК МУАЙЯН ГАРДИДАНД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ҳамчунин камбудиҳои соҳаи дастгирии содиркунандагон зикр гардид. Гарчанде ки дар шаш моҳи охир 908 соҳибкор ба маблағи 3,6 миллиард доллар шартнома бастаанд, бинобар тағйир ёфтани вазъияти шарикони хориҷӣ, онҳо натавонистанд содиротро оғоз намоянд. Баъзе ҳокимон бошад, ба ҷои расонидани кумак вазъиятро ба ҳоли худ гузоштаанд.

Дар натиҷа, дар ноҳияҳои Норин, Касбӣ, Шеробод, Ёзёвон ва Деҳнав дар семоҳаи аввал ҳаҷми содирот бештар аз ду баробар коҳиш ёфта, ҳамчунин дар ноҳияҳои Шаҳрисабз, Учқудуқ, Паркент, Тошканд, шаҳрҳои Ҷиззах, Навоӣ, Намангон, Ангрен, Бекобод ва Нурафшон нақшаи содирот ҳатто ба 70 фоиз нарасид. Таъкид шуд, ки дар сурати набудани афзоиши нишондиҳандаҳо аз рӯи натиҷаи нимсолаи аввал нисбати роҳбарони ин минтақаҳо чораҳои қатъӣ андешида мешаванд.

Масъалаи истифодаи самараноки минтақаҳои саноатӣ низ баррасӣ гардид. Зери тозиёнаи танқид гирифта шуд, ки дар 226 минтақаи саноатӣ, ки аз ҳисоби маблағи буҷет инфрасохтори роҳ, барқ ва об фароҳам оварда шудааст, дар майдони 213 гектар то ҳол татбиқи лоиҳаҳо оғоз нашудааст. Ҳамзамон қайд гардид, ки дар 27 минтақаи саноатӣ, сарфи назар аз мавҷуд будани лоиҳаҳо, инфрасохтор то ҳол таъмин нашудааст.

Ба муовинони ҳокимони вилоятҳо оид ба масъалаҳои сармоягузорӣ супориш дода шуд, ки барои ҷойгир намудани лоиҳаҳо дар қитъаҳои озоди минтақаҳои саноатии дорои инфрасохтор портфели лоиҳаҳоро таҳия намоянд.

Ҳамчунин масъалаи оптимизатсияи маъмурияти мақомоти давлатӣ ва фароҳам овардани фазои нав барои тиҷорат муҳокима гардид. Қайд шуд, ки қисми зиёди кӯчаҳои марказӣ ва серодами ноҳияҳо аз ҷониби муассисаҳои давлатӣ ишғол шудаанд. Дар асоси «таҷрибаи Кӯкдала» дар 19 ноҳия ва шаҳр ба марказҳои ягонаи маъмурӣ кӯчонидани идораҳои давлатӣ оғоз ёфтааст.

Таъкид гардид, ки татбиқи васеи ин чораҳо дар ҳамаи ноҳияҳо имкон медиҳад, ки ҳамасола 1,8 миллиард киловатт-соат нерӯи барқ ва 340 миллион метри мукааб газ дар муассисаҳои давлатӣ сарфа карда шавад, инчунин 5 миллион метри мураббаъ майдон барои тиҷорат озод гардад. Бо ин мақсад супориш дода шуд, ки барномаи панҷсола таҳия гардида, аз соли ҷорӣ дар 26 ноҳия ба маконҳои ягона кӯчонидани идораҳои давлатӣ оғоз шавад. Муқаррар гардид, ки ҳангоми сохтмони марказҳои нави маъмурӣ майдони миёна барои як корманд набояд аз 15 метри мураббаъ зиёд бошад.

Ба сифати лоиҳаҳои сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Сарвари давлат таъкид намуд, ки ҳар як лоиҳаи нав ва ҳар як доллари сармоягузорӣ бояд танҳо ба фароҳам овардани арзиши иловагӣ, ҷойҳои кори сердаромад ва афзоиши содирот хидмат намояд. Қайд шуд, ки барои ҳамаи роҳбарон бояд сифати сармоягузорӣ меъёри асосӣ бошад.

Платформае таъсис дода шудааст, ки пас аз ба кор даромадани лоиҳаҳои сармоягузорӣ мониторингро амалӣ менамояд. Ба туфайли он, масалан, муайян гардид, ки аз 688 корхонае, ки дар се соли охир фаъолият оғоз кардаанд, 210-тоашон бо иқтидори пурра фаъолият намекунанд. Дар натиҷа, ба маблағи 33 триллион сӯм фоида аз истеҳсолот аз даст рафта, 23 ҳазор ҷойи кор холӣ боқӣ мондааст.

Ба шахсони масъул супориш дода шуд, ки барои ҳар як аз ин 210 корхона «харитаи роҳ» таҳия намуда, мӯҳлатҳои мушаххаси ҳалли мушкилот ва иҷрокунандагони масъулро муайян кунанд.

Дар соли ҷорӣ мақсад гузошта шудааст, ки 53 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ҷалб карда шавад. Президент таъкид намуд, ки сармоягузорӣ танҳо дар сурате босифат хоҳад буд, ки роҳбарон аз ибтидо лоиҳаҳои дурустро интихоб намуда, барои онҳо сармоягузорони мувофиқи иқтидорро пайдо кунанд.

Ба ин муносибат бояд платформае ҷорӣ кард, ки бо истифода аз зеҳни сунъӣ иқтидорҳои мавҷудаи истеҳсолӣ, талабот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷиро таҳлил карда, қарорҳо оид ба он ки дар кадом минтақаҳо кадом лоиҳаҳо бояд амалӣ шаванд, пешниҳод намояд. Барои сармоягузорон ва ширкатҳои машваратӣ дастрасӣ ба ин платформа аз рӯи принсипи «равзанаи ягона» фароҳам оварда мешавад.

Ҳамчунин фаъолияти корхонаҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ таҳлил гардид. Дар кишвар зиёда аз 18 ҳазор чунин субъект фаъолият мекунанд. Аммо 526 корхонае, ки хатҳои истеҳсолӣ доранд, ҳеҷ гоҳ содирот анҷом надодаанд. Боз 767 корхона бо иштироки сармояи хориҷӣ танҳо ба фурӯши молҳои воридотӣ машғуланд.

Зарурати ба таври низомнок кор бурдан бо чунин корхонаҳо, ба онҳо пешниҳод намудани лоиҳаҳо оид ба ташкили истеҳсолоти маҳаллӣ, ба роҳ мондани ҳамкории онҳо бо соҳибкорони ватанӣ, рушди истеҳсоли қисмҳои эҳтиётӣ ва ҷузъҳо, инчунин дастгирии ширкатҳои фаъол дар бозори дохилӣ барои баромадан ба содирот таъкид гардид. Ба масъулон супориш дода шуд, ки дар ин самт барномаи алоҳида таҳия намоянд.

Дар ҷаласа инчунин масъалаи густариши таҷрибаи платформаи «Ноҳияи оқил» ва марказҳои таҳлилӣ-вазъиятӣ баррасӣ гардид. Ба қарибӣ, сарвари давлат бо натиҷаҳои ташкили чунин платформа дар маркази таҳлилӣ-вазъиятии ноҳияи Мирзо Улуғбек шинос шуда буд. Ҳокимони ҳамаи вилоятҳо ба ин ноҳия ташриф оварда, бо фаъолияти низоми нав, инчунин бо намуди маҳаллаҳо ва раванди корҳои сохтмонӣ шинос шуданд.

Ба ҳокимони вилоятҳо супориш дода шуд, ки дар мӯҳлати ду моҳ дар асоси ин таҷриба дар марказҳои вилоят ва шаҳрҳои калон чунин низомҳои таҳлилӣ-вазъиятиро ба роҳ монанд.

Сарвари давлат таъкид намуд, ки барои ноил шудан ба натиҷаҳо дар шароити душвори имрӯза роҳбарони ҳамаи сатҳҳо шахсан масъул ҳастанд. Қайд гардид, ки таъмини рушди иқтисодӣ, нигоҳ доштани сатҳи таваррум, таъсиси ҷойҳои кор, афзоиши содирот, баланд бардоштани сифати сармоягузорӣ ва ҳалли мушкилоти соҳибкорон бояд меъёрҳои асосии фаъолияти ҳар як роҳбар бошанд.

Дар ҷаласа ҳисоботи вазирон, роҳбарони соҳаҳо ва ҳокимон шунида шуд.

**ЎзА.**



*Маросими тантанавии «Савганд ба Ватан» дар қисми низомии Қӯшунҳои сарҳадии Хидмати амнияти давлатӣ, ки дар ноҳияи Попи вилояти Намангон ҷойгир аст, баргузор гардид.*

*Дар маросим сарбозони ҷавон ботантана дар саф қадам заданд.*

*Машқҳои низомӣ ва маҳорати ҷангии дастӣ, ки аз ҷониби сарбозони даъватшуда ва сагҳои хидматӣ нишон дода шуд, дар навбати худ қувваи ҷисмонӣ, омодагии ҳамаҷониба ва инчунин интизоми баланди сипарҳои кишварро нишон медиҳад.*

***Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

*Аз ҳаёти маҳалла*

# ҲАМДИЛӢ – ОМИЛИ ТАРАҚҚИЁТ

Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и худ чунин меорад:

*Пароканда лашкар наёяд ба кор,*
*Дусад марди ҷангӣ беҳ аз сад ҳазор.*

Дар ҳақиқат, ҳар ҷомеае, ки дар он ҳамдилӣ ва меҳру муҳаббати байниҳамдигарӣ ҳукмфармо бошад, он ҷо тараққиёт ва фаровонӣ пойдор мегардад. Аҷдодони мо ин ҳақиқатро хуб дарк намуда, аз қадим бар пояи якдилӣ, сулҳу субот, одамият, меҳандӯстӣ, эҳтиром ва эътимод нисбати якдигар зиндагӣ кардаанд. Гарчанде устухони онҳо аз меҳнат сахт шуда, дилҳояшон бо нури имон равшан буд. Ин арзишҳоро метавон дар мисоли сокинони маҳаллаҳои «Гулобод» ва «Халқобод»-и ноҳияи Олтинсой ба равшанӣ дид.

Дар солҳои 50-уми асри гузашта, сокинони деҳаҳои Бештахта, Ҳавз, Оқсу ва Фангат, ки асосан деҳкадаҳои тоҷикнишин буданд ва ҳамон давр дар ҳудуди ноҳияи Бойсун қарор доштанд, ба ин мавзеъ кӯчонида шуданд. Онҳо бовар доштанд, ки дар оянда дар ин саҳроҳо макони ободу зебое бунёд хоҳад шуд. Чунонки Саъдии Шерозӣ мегӯяд:

*Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,*
*Агар хоре бувад, гулдаста гардад.*

Инсон бо меҳнати пайваста ва сабру таҳаммул метавонад биёбонро ба бӯстон табдил диҳад.

Аз байн беш аз 70 сол сипарӣ шуд. Ин маҳал, ки пеш хоҷагии ҷамоавии Оқолтин буд ва баъдан ба маҳаллаи «Янгиобод» шомил мегардид, дар натиҷаи афзудани шумораи мардум имрӯз ба ду маҳалла – «Гулобод» ва «Халқобод» ҷудо шудааст, вале сокинонаш мисли як тану як ҷон зиндагӣ доранд. Маҳз ҳамин ҳамдилӣ боис гардид, ки имрӯз ба ҷои саҳроҳои холӣ хонаҳои зебо, боғҳои сарсабз ва роҳҳои васеъ бунёд гардад.

Ба шарофати истиқлолият ва сиёсати оқилонаву одилонаи сарвари давлат, муҳтарам Шавкат Мирзиёев сокинони ин маҳаллаҳо низ зиндагии орому фаровон доранд. Имрӯз дар ин ҷо ду мактаб ва чор муассисаи томактабӣ фаъолият намуда, ба таълиму тарбияи насли наврас машғуланд. Ҳамчунин, соҳибкорону деҳқонон дар корҳои ободонӣ саҳми арзанда мегузоранд.

Аз ҷумла, дар соли 2025 дар доираи лоиҳаи «Буҷети ташаббускор» се тарҳ пирӯз шуда, 3,9 миллиард сӯм маблағ ҷалб гардид ва аксари роҳҳои дохилии маҳалла мумфарш шуданд.

Пас аз як сол боз як мушкили чандинсолаи мардум ҳал гардид: ҳар баҳор боронҳои сел роҳҳои Сувқулисойро, ки воқеъ дар ҳудуди маҳаллаи «Гулобод» аст, мебастанд. Аммо бо ҳамбастагии мардум ин муаммо ҳалли худро ёфт. Ба ҷои кӯпруки кӯҳна пули нав сохта шуд. Ин пул, ки 19 метр дарозӣ, 4 метр баландӣ, 6,5 метр паҳно дораду қимати он ба 1,2 миллиард сӯм баробар аст, бо заҳмати дастӣ анҷом ёфтанд ва маблағгузорӣ низ асосан аз ҷониби мардум ва соҳибкорон сурат гирифт. Дар давоми қариб ду моҳ, аз кӯдакони хурдсол то пирони солманд дар сохтмони пул иштирок карданд ва ниҳоят, пули мустаҳками замонавӣ сохта шуд.

11 апрели соли равон дар маҳаллаи «Гулобод» бахшида ба маросими кушодашавии пули мазкур чорабинии махсус баргузор гардид. Дар он ҳокими ноҳияи Олтинсой Отабек Мавлонов, раиси Шӯрои депутатони ноҳия Акрам Турдиев, намояндагон ва сокинони ҳарду маҳалла ширкат варзиданд. Дар чорабинӣ роҳбарони ноҳия мардумро бо сохтмони пули нав табрик намуда, таъкид карданд, ки ҳамаи ин натиҷаи якдилӣ, ҳамбастагӣ, дӯстӣ, баробарӣ, эҳтиром ва меҳру муҳаббат нисбати якдигар аст. Пас аз он дасторхони идона ороста шуда, сари як пиёла чой аз шукргузорӣ, дӯстӣ, рафоқат шеъру суханҳои нек гуфта шуд ва дар ҳаққи хидматчиёни сохтмон ва аҳли маҳалла дасти дуо бардошта шуд.

Президенти мамлакати мо Шавкат Мирзиёев зимни суханронияш ба ин маъно гуфтааст: «Агар худ талош накунем, касе аз берун барои мо коре намекунад». Асоси тараққиёти имрӯзаро низ сулҳ, дӯстӣ, ҳамдилӣ ва эҳтиром ташкил медиҳад. Сокинони Гулобод ва Халқобод инро дар амал исбот карданд.

**Шукруллоҳ СИРОҶ,**
**донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии Тирмиз.**

# «БАҲОРИ БОЙСУН» – ҶАШНИ ҲУНАР, ТАЪРИХ ВА ҲУВВИЯТИ МИЛЛӢ

***Бойсун яке аз гӯшаҳои нотакрори Ӯзбекистон мебошад, ки бо табиати дилфиреб, таърихи куҳан, мероси ғании фарҳангӣ ва анъанаҳои беназири мардумӣ дар ҷаҳон шинохта шудааст. Ин диёри кӯҳсор, ки дар оғӯши табиати зебо доман густурдааст, аз муҳимтарин марказҳои сайёҳӣ ва фарҳангии кишвар маҳсуб мешавад.***
***Маҳз ҳамин сарзамини афсонавӣ солҳои охир ба макони баргузории яке аз рӯйдодҳои муҳими фарҳангӣ – фестивали байналмилалии фолклории «Баҳори Бойсун» табдил ёфтааст. Ин фестивал на танҳо ҷашни санъату ҳунар, балки рамзи эҳтиром ба таърих, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ мебошад.***



### Бойсун – диёри таърихӣ

Ноҳияи Бойсун бо манзараҳои зебои кӯҳӣ, ҳавои мусаффо, обу гиёҳҳои шифобахш ва яке аз шаҳдҳои табиӣ – асал маъруф аст. Дар ҳар фасли сол табиати ин гӯша ба инсон лаззати рӯҳӣ мебахшад. Кӯҳҳои сарсабз, гулҳои рангоранг, чашмаҳои мусаффо ва деҳаҳои зебои он ҳар бинандаро мафтун месозад.

Дар қатори ин ҳама зебоиҳои табиӣ, Бойсун бо ёдгориҳои таърихии худ низ шуҳрати ҷаҳонӣ касб кардааст. Аз ҷумла, ғори Тешиктош, ки ба давраи палеолит тааллуқ дорад, яке аз қадимтарин нишонаҳои зисти инсон дар ин сарзамин ба шумор меравад. Инчунин, ғорҳои Амир Темур ва Мачай, осори пойи динозаврҳои 65 миллионсола, ёдгориҳои Узундара, Қӯрғонзал ва чинорҳои ҳазорсолаи Сайроб, зиёратгоҳҳои Хӯҷамайхона, Хӯҷа Кӯчқорота, Хӯҷа Султон Валӣ, Камари Азиз, ғори Ғурғурота, Қизил канъон, Тангисар ва дигар маконҳои нодир таваҷҷуҳи сайёҳони дохиливу хориҷиро рӯз аз рӯз бештар ҷалб намуда истодаанд.

Мутахассисон таъкид мекунанд, ки Бойсун на танҳо як макони сайёҳӣ, балки яке аз гаҳвораҳои тамаддуни бостонии башарият аст. Бозёфти боқимондаҳои кӯдаки неандерталӣ аз деҳаи Мачай ва дигар кашфиётҳои илмӣ далели равшани онанд, ки ин сарзамин аз нахустин маконҳои инсоният ба шумор меравад.

### Мероси нодири инсоният

Муҳити фарҳангии Бойсун бо арзишҳои беназири худ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон низ баҳои баланд гирифтааст. Соли 2001 фарҳанги Бойсун аз ҷониби ЮНЕСКО ҳамчун «Мероси шифоҳӣ ва ғайримоддии инсоният» эътироф гардид. Соли 2008 бошад, он ба Феҳристи намояндагии мероси фарҳанги ғайримоддии инсоният шомил гардид.

Ин эътирофи байналмилалӣ далели он аст, ки Бойсун на танҳо барои Ӯзбекистон, балки барои тамоми башарият як дурдонаи фарҳангӣ мебошад. Дар ин диёр анъанаҳои қадимӣ, эҷодиёти шифоҳии халқ, расму ойин, мусиқӣ, рақсу суруд, ҳунарҳои мардумӣ ва тарзи зиндагии суннатӣ то имрӯз боқӣ мондаанд.

### Фестивале, ки ҷаҳониёнро ба ҳам меорад

Фестивали байналмилалии фолклории «Баҳори Бойсун» имрӯз ба яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои фарҳангии минтақа табдил ёфтааст. Ин ҷашни бузург имконият фароҳам меорад, ки мероси ғании фарҳангии халқҳои гуногун ба намоиш гузошта шавад, дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмии байни миллатҳо таҳким ёбад ва ҷавонон ба арзишҳои миллӣ рӯй оваранд.

Дар доираи фестивал, тибқи барномаи муқарраршуда, конфронсҳои илмӣ, барномаҳои консертӣ, озмуну мусобиқаҳои фолклорӣ, намоиши таомҳои миллӣ, аз ҷумла, фестивали кабоби танӯрӣ, намоишгоҳи ҳунармандии миллӣ, намоишгоҳи либосҳои миллӣ, инчунин дрон, дрифт ва автошоу баргузор мегарданд.

Ҳамчунин, барномаҳои ҳунарии дастаҳои фолклории вилоят, дастаҳои фолклорию этнографии пойтахт ва вилоятҳои кишвар, инчунин дастаҳои ҳунарии хориҷӣ барои мухлисони санъат пешкаш карда мешаванд.

Яке аз чорабиниҳои ҷолиби фестивал веломарафон мебошад, ки дар роҳҳои зиёратгоҳи Хӯҷамайхона бо иштироки 400 нафар велосипедрон баргузор мегардад. Барои намояндагони воситаҳои ахбори омма низ «Press tur» ва нишасти матбуотӣ дар фазои кушод ташкил карда мешавад.

Фестивали ҳавобалонҳои анъанавӣ бо иштироки 20 ҳавобалон низ ба чорабиниҳои ҷолиби барнома шомил буда, ба меҳмонон ҳаловати хоса хоҳанд бахшид.

### Саёҳат ба маконҳои муқаддас

Дар рӯзҳои фестивал барои сайёҳони маҳаллӣ ва хориҷӣ сафарҳои туристии 5-рӯза ташкил карда мешаванд. Дар доираи ин хатсайрҳо меҳмонон метавонанд аз оби шифобахши Амонхона, зиёратгоҳҳои Хӯҷа Султони Валӣ, Камари Азиз, Хӯҷа Кӯчқор ота, Зовбошӣ, Қизил канъон, Тангисар, Сайроб, Инкобод, Бибиширин ва дигар маконҳои таърихию табиӣ дидан намоянд.

Ба ҷуз ин, барои дӯстдорони варзиш ва тамошобинони этнофарҳангӣ бодпаракпаронӣ, тагалҷанг, хурӯсҷанг, танобкашӣ, гӯштин, бузкашӣ ва дигар мусобиқаҳои мардумӣ низ баргузор мегарданд. Ҳамаи ин чорабиниҳо ба меҳмонони фестивал тассуроти ғанӣ ва фаромӯшнопазир мегузорад.

### Озмуни байналмилалии фолклорӣ

Дар озмуни байналмилалии фолклорӣ иштироки ансамблҳои мардумии фолклории кишварамон, инчунин ҳунармандон аз Британияи Кабир, Белгия, Исроил, Русия, Беларус, Озарбойҷон, Руминия, Покистон, Амороти Муттаҳидаи Араб, Ҳиндустон, Фаронса, Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва дигар кишварҳо ба нақша гирифта шудааст.

Роҳбари бадеии ансамбли мардумии фолклорӣ-этнографии «Бойсун» Собир Йӯлдошев зикр кард, ки фестивали имсола ба фаъолияти дастаҳои ҳунарӣ рӯҳи тоза мебахшад. Ба гуфтаи ӯ, дастаи онҳо барои ғанӣ гардондани репертуари худ бо сурудҳои мардумӣ, ӯлану лапар ва рақсҳои ҷаззоби миллӣ диққати махсус дода истодаанд.

### Бойсун – ноҳияи сайёҳӣ

Ба Бойсун расман мақоми «Ноҳияи сайёҳӣ» дода шудааст. Ин иқдом бесабаб нест. Чунки ҳар як сайёҳе, ки ба ин сарзамин қадам мегузорад, хоҳиши бозгашт ба онро дар дил мепарварад. Бо ибтикори мақомоти вилоят барои рушди босуръати соҳа дар маҳаллаҳои Тузбозор, Даштиғоз, Бибиширин, Инкобод, Темир дарвоза, Мустақиллик ва Сайроб «харитаи роҳ»-и рушди сайёҳӣ ва инфрасохтор таҳия шудааст. Барои соҳибкороне, ки дар ин ҳудудҳо ба сайёҳон хидмат мерасонанд, имтиёзҳои андозӣ низ пешниҳод гардидаанд.

Ҳамзамон, дар маҳаллаи Сайроб мутобиқи қарори ҳукумат Осорхонаи таърихи Юнону Бохтар таъсис дода шуд. Ин осорхона бозёфтҳои нодири аз ёдгориҳои таърихии Узундара бадастомадаро дар бар хоҳад гирифт.

### Рушди инфрасохтор ва имкониятҳои нав

Имрӯз дар Бойсун корҳои васеи бунёдкорӣ ва омодагӣ ба қабули меҳмонон идома доранд. Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои сайёҳон, дар ноҳия 11 меҳмонхонаи дорои 500 ҷой, 150 меҳмонхонаи оилавии дорои 900 ҷой, 5 хостели дорои 101 ҷой ва 5 хобгоҳи дорои 700 ҷой омода карда шудаанд.

Илова бар ин, дар саросари вилоят 408 манзили дорои 6201 ҷой меҳмононро мунтазиранд. Интизор меравад, ки дар рӯзҳои фестивал тақрибан 100 ҳазор сайёҳи маҳаллӣ ва 5 ҳазор сайёҳи хориҷӣ ба Бойсун меоянд.

Соҳибкорони маҳаллӣ низ ба рушди соҳа фаъолона саҳм мегузоранд. Аз ҷумла, дар атрофи зиёратгоҳи Хӯҷа Кӯчқорота дар ҳудуди қариб 150 гектар минтақаи нави сайёҳӣ бунёд мешавад. Дар он ҷо аллакай коттеҷҳои замонавӣ, отавхо, ҷойҳои хоб, ҳавзи тобистона, саҳна барои чорабиниҳо, суфаҳои истироҳатӣ ва боғҳои мевадиҳанда бунёд гардидаанд.

### Бойсун – макони дилҳо

Фестивали байналмилалии «Баҳори Бойсун» имрӯз ба мактаби маънавият, минбари ҳувияти миллӣ ва пули дӯстии халқҳо табдил ёфтааст.

Ин ҷашн на танҳо санъатро муаррифӣ мекунад, балки мардумро ба гузаштаи пуріфтихор, мероси маънавӣ ва арзишҳои миллӣ мепайвандад.

Бале, «Баҳори Бойсун» имконияти навбатӣ барои тарғиби ҳувияти миллӣ, эҳтиром ба мероси моддӣ ва ғайримоддӣ, рушди эҷодиёти шифоҳии халқ, ҳифзи санъати мардумӣ ва тақвияти эҳсоси ватандӯстӣ дар қалби насли наврас мебошад.

Ин фестивал собит месозад: халқе, ки ба таъриху фарҳанги худ арҷ мегузорад ва санъати худро ҳифз мекунад, метавонад бо сарбаландӣ ба оянда қадам гузорад.

Бойсун имрӯз на танҳо як гӯшаи зебои табиат, балки рамзи фарҳанг, таърих, ҳунар ва ифтихори миллӣ низ мебошад.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

*Минбари донишҷӯ*

# БАҲОР – ОҒОЗИ УМЕДҲО ВА ОРЗУҲОИ НАВ

Ҳар сол бо фаро расидани баҳор табиат аз нав зинда мешавад. Пас аз зимистони сард, замин нафаси гарм мекашад, дарахтон сабз мешаванд ва гулҳо мешукуфанд. Ин дигаргуниҳо ба рӯҳи инсон низ таъсир мерасонанд. Баҳор инсонро ба ҳаракат, ба андешаи нав ва ба оғози зиндагии беҳтар даъват мекунад.

Имрӯз, вақте ки ҷомеа бо мушкилоту тағйироти гуногун рӯ ба рӯ аст, ниёзи мо ба умед ва бовар бештар мегардад. Баҳор маҳз ҳамин эҳсосро дар дилҳо бедор мекунад. Одамон дар ин фасл худро фаъолтар ҳис мекунанд, нақшаҳои нав мекашанд ва барои расидан ба ҳадафҳои худ талош мекунанд. Ин нишон медиҳад, ки табиат ва инсон бо ҳам пайванди зич доранд. Баҳор моро водор менамояд, ки навшавӣ имконпазир аст. Тавре ки дарахтон ҳар сол либоси сабз ба бар мегиранд, инсон низ метавонад пас аз ҳар гуна мушкилот аз нав қомат рост кунад. Ин паём махсусан барои ҷавонон муҳим аст, зеро онҳо ояндаи ҷомеаро месозанд. Агар ҷавонон бо рӯҳияи баланд ва боварӣ ба оянда зиндагӣ кунанд, ҷомеа низ пеш меравад. Аз тарафи дигар, баҳор моро ба меҳнат даъват мекунад. Дар деҳот мавсими кишту кор оғоз меёбад. Деҳқон бо умеди ҳосили фаровон тухмӣ мекорад ва заҳмат мекашад. Ин манзара як ҳақиқати одиро нишон медиҳад: бе меҳнат ҳеч орзу амалӣ намешавад. Ҳамин гуна, ҳар як инсон бояд бароиояндаи худ масъул бошад ва бо ҷиддият кор кунад. Ҳамзамон, баҳор фасли ҳамдилӣ ва наздикии байни одамон аст. Ҷашн, вохӯрӣ ва сайру гаштҳо бештар мегарданд. Ин имконият медиҳад, ки одамон муносибатҳои худро мустаҳкам намоянд ва эҳсоси дӯстӣ ва ягонагиро бештар ҳис кунанд. Ҷо-меае, ки дар он ҳамдигарфаҳмӣ вуҷуд дорад, қавитар ва пешрафта мегардад.

Дар маҷмӯъ, баҳор на танҳо як фасли сол, балки як паёми иҷтимоӣ ва маънавӣ аст. Он моро ба умедворӣ, меҳнатдӯстӣ ва боварӣ ба оянда даъват мекунад. Имрӯз беш аз ҳарвақта мо бояд орзу кунем ва барои расидан ба ҳадафҳои худ талош намоем. Зеро баҳор ба мо ёдрас мекунад, ки зиндагӣ идома дорад ва имкониятҳои нав ҳамеша вуҷуд доранд.

**Ҳилола ҲАЙДАРОВА,**
**донишҷӯйи бахши забону адабиёти тоҷики ДДФ.**



*Дар чаҳорчӯби Ҷашнвораи байналхалқии санъати тасвирӣ ва амалӣ дар галереяи санъати Ӯсматбойи шаҳри Самарқанд намоиши корҳои эҷодии рассомони ҷавон баргузор гардид. Намоишгоҳи мазкур, ки бо ташаббуси Шӯрои эҷодкорони бадеии Ӯзбекистон дар вилояти Самарқанд ташкил карда шуда буд, ба чорабинии анъанавӣ табдил ёфт. Дар он корҳои эҷодии рассомони бомаҳорати мамлакатамон намоиш дода шуданд.*

*Дар намоишгоҳи мазкур намунаҳои эҷоди кулоли моҳир, устои самти керамика Абдувалӣ Набиев низ ҷой дорад.*

***Суратгир: А. ИСРОЛОВ (ЎзА).***

*Дар мавзӯи ахлоқ*

# ҲУСН ВА ҲАЁ

*Ин панҷ хислатро хӯйи худ созӣ, то ба дину дунё хуш бошӣ: яке муҳофизати амонат; дувум ростӣ; севум ҳусни хулқӣ ва нектинатӣ; чаҳорум парҳезкорӣ; панҷум ҳаё бо Худованди таоло.*

***Муҳаммад Толиби ПУРӢ.***

Ҳусн (зебоӣ) як ҷиҳати марғуби зуҳуроти ҳастии табиат ва камолоти «модарзод»-и инсон мебошад, ки дар шууру ҳиссиёт инъикос гардида, эҳсосоти фароғат, завқ, лаззат ва қаноатмандӣ ба вуҷуд меоварад. Ҳусн натанҳо дар ҷисм ва ҳаракати ҷисмониву фаъолияти моддӣ намудор мешавад, балки дар амалиётҳои характери бадеӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, объекти ҳақиқии эҳсосоти эстетикӣ низ буда метавонад.

Ҳуснро аз рӯйи мансубияташ ба се намуд ҷудо кардан мумкин аст:

1) ҳусни табиӣ, ки ба ҷисми инсон: рӯй, мӯй, чашм, қад, даст, пой дахл дорад.

2) ҳусни «сохта», ки ба сару либос ва зебу зинати зоҳирӣ мансуб аст.

3) ҳусни маънавӣ, ки ба ақлу хирад, заковату фаросат, одоби рафтор, маданияти гуфтор тааллуқ дорад.

Ҳусни табиӣ, ки баъзеҳо «ҳусни худодод» низ мегӯянд, ганҷи бузург аст. Аҷиб он аст, ки зебоӣ, хушрӯйиро бештар хоси занҳо мешуморанд. Ин, ки зан таҷассуми латофат ва ҳусн ҳисоб мешавад, хуб аст. Вале ҳуснро танҳо аз зан талаб намудан хуб нест. Мақоли «зан – моҳрӯ ва мард – нимрӯ» низ ноодилона аст, вай маҳсули замонҳоест, ки мард бевосита худаш не, балки молаш, пулаш, мансабаш чизи асосӣ буд. Ҳоло, ки зану мард аз ҷиҳати иҷтимоӣ баробаранд, имконияти рӯзи худро баробар гузаронидан доранд, ҳоҷат ба қоидаи «нимрӯ» ва «бадрӯ» будани мард намемонад. Бояд ҳарду хушрӯ ва мувофиқи якдигар бошанд. Барои мувозинати тарафҳо пеш аз ҳама нақши ҳусни ботинӣ ё маънавиро баланд бардошта, норасоии ҳусни ҷисмониро ба воситаи он пурра намудан зарур аст. Умуман, ҳусни ҷисмонӣ чандон эътибор ва дар худ пойдор нест, вай бо мурури замон (пиршавӣ) ва зиндагии оилавӣ кам ва ночиз шуда метавонад. Ҳусни маънавӣ бошад, дар ин вақт рӯ ба тараққӣ мениҳад. Хирадмандони ҷаҳон, минҷумла тоҷикон, камолоти рӯҳонӣ, ботиниро бештар ва муҳимтар аз ҳусни ҷисмонӣ донистаанд. Шайх Саъдӣ хуб мегӯяд:

*Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият,*
*На ҳамин либоси зебост нишони одамият.*
*Агар одамӣ ба чашм асту даҳону гӯшу бинӣ,*
*Чӣ миёни нақши девору миёни одамият.*

Ҳаё (шарм) падидаи ахлоқист, ки аз камолоти маънавӣ, ахлоқи ҳамида, виҷдони болидаи инсон дарак медиҳад. Вале он яке аз омилҳои бузургтарини ботинӣ-маънавӣ буда, одамро нигоҳ медорад, то ки ӯ бо роҳи бад наравад, ба кори бад даст назанад, алфози қабеҳ нагӯяд. Аз рӯйи анъанаҳои аҷдод ҳаё бештар хоси занҳо ва духтарҳо буда, ба ҳуснашон ҳусн зам мекунад, зеро ин ба иборайи шоирони классик «ҳусни хӯ (хулқ, ахлоқ) беҳ аз ҳусни рӯ» мебошад. Ҳусни ахлоқ ҳисоб шудани ҳаё (шарм) рост, ки вай ба ягон маҷбурияти беруна, бо амри дил ва иродаи худ касро аз васвасаҳои нафсонӣ ё шайтонӣ эмин медорад, занҷири по мешавад, аз роҳи бад мегардонад. Шоири тоҷик Зебуннисо таҷассуми зеботарин хулқ ва ҳаё буд, ки дар ин боб мегӯяд: ...«Сар ба саҳро мезанам, лекин ҳаё занҷири пост».

Ҳаёро бояд дар кӯдакҳо аз хурдӣ тарбия намуда, тамоми умр идома дод. Падару модар ва атрофиён бояд пайваста эҳтиёткорона дар замири фарзандон тухми ҳаёро парвариш намоянд. Дар назар бояд дошт, ки ҳама гуна рафтору гуфтори беэҳтиёту бешармона ба кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад.

**Собир ЭРГАШЕВ,**
**омӯзгори собиқадор аз ноҳияи Фориш.**

***Ба наздикӣ дар шаҳри Тирмиз бо иштироки роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ таҳти шиори «Барои ҳаёти солим – даҳ ҳазор қадам» марафони оммавии пиёдагардон баргузор шуд.***

# МАРАФОНИ РЕКТОРОН

Чорабинӣ дар доираи ҳафтаи варзиш, ки вилояти Сурхондарё мизбони он буд, доир гардид. Вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсия Қӯнғиротбой Шарипов ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ аз иштиродорони фаъоли марафон буданд.

Ҳадафи асосии марафон тарғиби тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон ва ҳамзамон муаррифии «Таҷрибаи Тирмиз» мебошад.

Дар ҷараёни чорабинӣ иштирокдорон бо иншооти муосири варзишии Донишгоҳи давлатии Тирмиз, фаъолияти клубҳои варзишӣ ва имкониятҳои наве, ки дар ин ҷо барои донишҷӯён фароҳам оварда шудаанд, аз наздик шинос гардиданд.

Дар доираи ҳафтаи варзиш ба мусобиқаи футболи «Ҷоми вазир» миёни донишҷӯдухтарон низ оғоз бахшида шуд. Дар он 12 даста аз минтақаҳои кишвар барои ба даст овардани ғолибият рақобат намуданд.

Семинарҳои таълимиву амалӣ ва чорабиниҳои варзишӣ рӯзи 24 апрел ба поён расид.

**Сурайё НОРМАНӢ.**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

## Латифаҳо

### Дарахти себ

Ду танбал дар таги дарахти себ шишта буданд. Яке ба дигаре гуфт:

– Кошкӣ, себ худаш аз дарахт меафтид, мазза карда мехӯрдем.

– Э-э-э, мон-е, себро газида хӯрданаш осон нест, – гуфт ҳамроҳаш.

### Ғозҳо дар Ҷануб

Шавҳар ба занаш гуфт:

– 100 ҳазор сӯм деҳ...

– Не, диҳам боз менӯшӣ! – гуфт зан ва пул надод.

Шаб зан аз кор омада дид, ки ғозҳо нестанд.

– Эй, мардак, ғозҳо канӣ?

– Ғозҳо ба Ҷануб парида рафтанд. Агар ин дафъа ҳам пул надиҳӣ, гӯсфандҳо ҳам ба кӯҳу адир баромада мераванд.

### Суҳбати духтур бо бемор

– Духтурҷон, ёрӣ диҳед, чанд пул хоҳед, медиҳам, фақат маро шифо бахшед.

– Майлаш, вале пулро пешпардохт мекунед.

– Ба ман бовар надоред?

– Гап дар боварӣ нест, бародар, чанд касро насяи муолиҷа кардам, ҳозир дар тобут дароз кашида, чунин вонамуд мекунанд, ки гӯё маро умуман намешиносанд.

### Ручкаи сурх

Модар вақти гусели фарзанд ба хидмати Ватан таъкид мекунад:

– Писарам, рафтӣ, тез-тез хат навис, ҳақиқаташро гӯй, агар ҳолат хуб набошад, мо зуд хабар мегирем.

–Эҳтиёт кунед, номаҳоро месанҷанд, – ба гап ҳамроҳ шуд тағои аскар.

– Ин тавр бошад, писарам, агар шароит хуб бошад, бо ручкаи кабуд навис, мабодо бад шуд, ручкаи сурхро ба кор бар, ман мефаҳмам.

Баъди ду моҳ ба номи модар ба ин мазмун нома омад:

– Модарҷон, ҳамааш хуб, нохубаш ҳамин, ки ба мо ручкаи сурх намедиҳанд.

### Диплом давад

Афандӣ дипломашро гирифт ва ба пушташ овехт. Аз ӯ пурсиданд:

– Чаро овезон кардӣ?

Афандӣ гуфт:

– Ман чор сол аз паси ин давидам, акнун диплом аз паси ман давад.

### Суҳбати падар бо фарзанд

Шаб дарсҳои тайёр кардаи писарчаамро тафтиш кардам. Вақте навбат ба дарси адабиёт расид, нахуст аз мавзӯъ пурсон шудам.

– Мазмун ва мундариҷаи ғоявии «Баҳориёт»-и Сайидои Насафӣ аз чӣ иборат аст?

– Дар «Баҳориёт» ҳайвонҳо «разбор» мекунанд, – гуфт писараш.

### Афандӣ дар Арабистон

Афандӣ пулҳои араберо дуздид. Араб ӯро дастгир кард ва бо арабӣ дашном дод. Афандӣ гуфт:

– Ман пулҳои ин арабро дуздидам, вай бошад, ба ман сура мехонад.

### Суҳбати ду рафиқ

– Чаро хомӯш нишастаӣ?

– Ноутбукам вайрон шуд.

– Чӣ тавр?

– Додарамон тарозу пиндошта, ба болояш баромадааст!

### Ягон бор чунин нашудааст

– Духтурҷон, мегӯянд, ки дар беморхонаи Шумо баъзан ташхиси нодуруст мемонанд.

– Чӣ хел?

– Мисол, Шумо шамол хӯрдаед гуфта, табобат мекунед, вале ман аз дарди гурда мемурам.

– Не, дар таҷриба ягон бор чунин нашудааст. Агар ман шуморо чун одамони шамолхӯрда табобат кунам, аз ҳамин дард мемуред, ташвиш накашед.

**Таҳияи Далер АЗИЗОВ.**

*Ғолибони озмун*

# МАН ЖУРНАЛИСТ МЕШАВАМ!

**– мегӯяд Фариштамоҳи иштирокдори олимпиадаи ҷумҳуриявӣ, ки аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ҷойи сеюм насибаш гашт**



– Модар!

– Ҷони модар!

– Шодиёна диҳед, духтаратон аллакай шомили донишгоҳ шуд!

– Э, офарин, духтараки азизам! Дар ин рӯзи пурфайзи баҳорон бисёр хабари хушу гуворо бароямон тухфа кардӣ, – духтарашро бо навозиш ба оғӯш гирифт модар ва аз кулчаҳои алвонии ду бари рӯяш нармак бӯсид. – Духтари донои модар, пайрави бобову момо, ту дар оянда ифтихори аҳли деҳ хоҳӣ шуд!

– Кӯшиш мекунам, модарҷон, – аз ҳарфҳои модараш рӯҳаш болида гуфт Фариштамоҳ.

Чанд дона ашки шодӣ рухсораи Фариштамоҳро шуста фаромад. Вай ҷуссаи нозуки худро дубора ба оғӯши модар андохт ва худро хушбахттарин духтари олам эҳсос намуд.

Ҳамон шаб ба шарафи пирӯзии духтарбузургаш Рауфҷон ва Фарангис падару модар, хусуру хушдоман ва хешу ақрабои худро ба гирди дасторхони пурнозу неъмат даъват карданд ва онҳо то поси шаб пирӯзии Фариштамоҳро ҷашн гирифтанд.

Фариштамоҳ Ҳасанҷонова дар деҳаи Ҳушёри ноҳияи Сӯх, дар хонаводаи зиёиён ба дунё омадааст. Падараш – Рауфҷон муҳандиси барқ ва модараш – Фарангис омӯзгори забони русӣ мебошад. Тавре аз суҳбат бо онҳо маълум шуд, барои фарзандон шароити лозимаро фароҳам овардаанд, то ки илму маърифат омӯзанд, забонҳои гуногунро ёд гиранд.

– Ман аз синфи нӯҳ сар карда дар олимпиадаҳои фаннӣ фаъолона иштирок мекунам. Борҳо дар сатҳи ноҳиявӣ ва вилоятӣ пирӯзӣ ба даст овардаам. Аммо ба сифати хатмкунандаи мактаби таълимоти ҳамагонӣ иштирок дар озмуни ҷумҳуриявиро хеле муҳим ва сарнавиштсоз мешуморам, – мегӯяд зимни суҳбат Фариштамоҳ Ҳасанҷонова.

Ба гуфтаи ӯ, вақте ки дар вилоят ғолиб дониста шуд ва ба олимпиадаи ҷумҳуриявии забон ва адабиёти тоҷик роҳхат гирифт, сараш ба осмони ҳафтум расид. Чунки кайҳо ба дарки ин маънӣ расидааст, ки фақат иштирок дар олимпиада басанда нест ва бояд ба пирӯзӣ расид.

– Вақте аъзои ҳакамон мавзӯи иншоро эълон карданд, бидуни саросемагӣ ба навиштани он шурӯъ намудам. Боре дар вақти машғулиятҳои тамринӣ устодам Равшанҷон Амалов гуфтанд, ки навиштани иншо дар мавзӯъҳои озод низ басо муҳим аст ва инро ҳаргиз фаромӯш накунам. Сонӣ ду-се мавзӯъ пешниҳод карданд, ки яке аз онҳо тоза нигоҳ доштани муҳити атроф ва экология низ буд. Перомуни он иншо навиштам ва он ба устодам писанд омад. Дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ низ мавзӯъ ба муҳити зист мутааллиқ буд ва ман ба осонӣ ба таҳқиқи он пардохтам, – иброз медорад Фариштамоҳ.

Ба таъкиди ӯ бо баҳонаи озмун ба шаҳри куҳани Қаршӣ рафт ва чанд ёдгории таърихиву меъмории ин шаҳри зеборо аз наздик тамошо кард, одамони ин шаҳр писандаш омад ва онҳо дар муносибат, рафтору гуфтор хеле мардуми бофарҳангро мемонданд.

Дар шароити деҳот духтарон ба корҳои хона хеле зиёд ҷалб карда мешаванд. Тақрибан як-ду даҳсола пеш идомаи таҳсил барои духтарони деҳоти Сӯх кори сода набуд, ба ҷои он ки онҳо ба китобхонӣ ва омӯзишу такрори илм машғул шаванд, хона мерӯфтанд, алаф меоварданду ба молҳо нигоҳубин мекарданд ва дигар корҳои рӯзгорро иҷро мекарданд, – мегӯяд директори мактаби рақами 28-ум Дониёр Ҳакимов ва меафзояд:

– Ман хеле хурсандам, ки як идда падару модарон акнун дар ин маврид фикри худ дигар кардаанд ва талош мекунанд, ки дар баробари ҷавонписарон духтаронашон низ таҳсилро дар донишгоҳҳо идома диҳанд.

Ногуфта намонад, ки мактаби рақами 28 аз ҷавонтарин мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия ба шумор меравад. Натиҷаи кори омӯзгорони он хеле хушҳолкунанда мебошад. Ба таври мисол, хатмкунандаи ин мактаб Фархунда Мандонова ба сифати яке аз иштирокчиёни фаъоли олимпиадаи ҷумҳуриявӣ ҳоло бо гранти давлатӣ дар курси чаҳоруми гурӯҳи тоҷикии факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғона таҳсил мекунад. Вай сазовори чандин озмуни байни ҷавонон низ мебошад, ҳатто номзадии ӯ ба Мукофоти давлатии Зулфия пешниҳод шудааст.

– Шогирди дигари мактабамон Шодиёна Собирҷонова ба гирифтани ҷойи дуюми олимпиадаи ҷумҳуриявӣ соҳиб шудааст ва ҳоло курси якуми факултаи филологияро хатм хоҳад кард. Дар ба даст овардани ин муваффақиятҳо саҳми омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик Равшанҷон Амалов хеле бузург аст, – бо ифтихор мегӯяд Дониёр Ҳакимов.

– Ман ифтихор мекунам, ки бо Фариштамоҳ дар як синф таҳсил мекунам. Ҳар ду дар як парта мешинем. Вай хеле хоксору нармсухан аст ва ҳамеша ба дигар ҳамсинфон дасти кумак дароз мекунад. Манижа Соҳибҷонова, Асалхон Рауфҷонова, Сардорбек Раҳмонбердиев ва Асалбек Қосимҷонов низ аз фаъолони синфамон маҳсуб меёбанд, – мегӯяд Марҷона Эркинова, ки ба гуфтааш дар оянда духтур шудаву саломатии беморонро барқарор карданист.

– Гуфта метавонем, ки роҳи ту ба гурӯҳи тоҷикии факултаи филологияи донишгоҳҳои мамлакат аллакай боз аст. Аммо оё дар оянда соҳиби ягон касби дигар ҳам шудан мехоҳӣ? – пурсидам аз Фариштамоҳ.

– Бале, ман мехоҳам, ки журналист шавам ва ба халқу Ватанам хидмат кунам, – посух дод ӯ ва афзуд: – Зеро журналистӣ касби хеле шавқовар аст. Соҳибони ин касб ба ҷойҳои дуру наздик сафар мекунанд, бо одамони гуногун дидору суҳбатҳо анҷом медиҳанд, аз кору фаъолияти онҳо мардумро огоҳ месозанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Зикри хайр*

***Моҳи ҷорӣ дар синни муборакӣ 90 риштаи ҳаёти олим, шоир, тарҷумон ва инсони дарёдил – Юсуф Мализода Дарбандӣ канда шуд. Тибқи васияти худи олим ҷисми поки марҳум дар қабристони деҳаи Дарбанд ба хок монда шуд.***

# ОЛИМ, ШОИР ВА ИНСОНИ ДАРЁДИЛ

Юсуф Валиқулов 20 декабри соли 1936 дар деҳаи зебоманзари Дарбанди ноҳияи Бойсун, дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Таҳсилоти умумиро дар мактаби миёнаи рақами 9-уми деҳааш гирифтааст. Соли 1953 ба шуъбаи таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, соли 1958 онро бомуваффақият хатм мекунад. Солҳои донишҷӯйӣ ҳамчун эҷодкор, донандаи забони модарӣ – тоҷикӣ ва забонҳои русиву ӯзбекӣ шинохта шудааст. Ҳамон солҳо дар ӯ шавқи омӯзиши фалсафаи халқҳои Осиёи Марказӣ пайдо мешавад. Ба ӯ ба Саридораи адабиёти Тоҷикистон барои кор роҳхат медиҳанд. Ин роҳхат барояш бисёр муҳим буд, зеро ӯ ба таҳқиқи илм камар баста буд.

Соли 1961 дар асоси ихтисоси «Таърихи фалсафа» ба аспирантураи назди Академияи фанҳои Тоҷикистон дохил мешавад. М. А. Баҳовиддинов ҳамчун роҳбари илмӣ ба ӯ сари мавзӯи «Назари иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фалсафии мардумони Осиёи Марказӣ аз давраи қадим то аввали асри XX» кор бурда, супоридани имтиҳонҳои минимумро маслиҳат медиҳад. Марҳум ба сабаби бемори, камбизоатӣ таҳсилро тарк намуда, ба деҳа, назди оила ва фарзандон бармегардад.

Пас аз баргаштан ба деҳа фаъолияти муаллимии ӯ сар мешавад. Аммо он ҳам то дер давом намекунад. Ӯро дар шуъбаи ҷавонони вилояти Сурхондарё ҳамчун мутасаддии мактабҳо ба кор даъват мекунанд ва ӯ аз моҳи марти соли 1963 ин вазифаро ба дӯш мегирад.

Вақте соли 1965 Институти педагогии Тирмиз аз нав ташкил мешавад, Валиқуловро ба кор даъват мекунанд. Ба донишҷӯён аз фанни фалсафа дарс мегӯяд.

Солҳои 1968-1970 дар шуъбаи вилоятии ҳизб лектор-консултант, мудири гурӯҳи лекторҳо буд.

Соли 1972 ба Афғонистон ба сифати тарҷумон меравад. Соли 1975 сафари хидматиро иҷро намуда, ба Ватан баргашт ва ба Институти педагогӣ бори дувум сари вазифа омад. Аҳд кард, ки бо корҳои илмӣ ҷиддӣ машғул мешавад. Ва ӯ таҳти роҳбарии олими забардаст, профессор П.Ким соли 1990 диссертатсияи номзадии худро ҳимоя мекунад.

Валиқулов то дами вопасини ҳаёти худ дар кафедраи «Таърихи Ӯзбекистон ва фанҳои гуманитарӣ» ҳамчун профессор фаъолият намуд. Таҳти роҳбарӣ ва муҳарририи ӯ дар кафедра дастурҳои фан, васоити таълимӣ-методӣ ба нашр расиданд.

Юсуф Валиқулов ҳамчун тарҷумон низ шинохта шудааст. Натиҷаҳои онро дар тарҷумаи ғазалҳои А. Навоӣ низ дидан мумкин. Ба ғайр аз он ӯ аз эҷодиёти Камоли Хуҷандӣ, Ҳилолӣ, Ҷалолиддин Румӣ, Ҳозиқ ва дигаронро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст.

Юсуф Валиқулов ҳамчун шоир бар ғазалҳои Навоӣ, Муқимӣ, Увайсӣ, Нодира, Саҳбо мухаммасҳо бастааст. Ба ғазалҳои навиштаи ӯ санъаткорон оҳанг бастаанд. Намунаи эҷодиёти ӯ дар Афғонистон низ ба табъ расидааст. Дар эҷодиёти шоир мавзӯи ахлоқ, панду насиҳат нақши муҳим доранд.

Номи неку кори неки устоди арҷманд ҳамеша дар ёду қалби хешу пайвандон, ёру дӯстон, ҳамкасбон, шогирдон зинда хоҳад монд.

**Рамазон АБДУЛЛОЕВ,**
**устоди Донишгоҳи давлатии Тирмиз, раиси Маркази миллӣ-маданӣи тоҷикони вилояти Сурхондарё.**

# ГАНҶИНАИ ИЛМ – ПОЯИ БАЛАНДИ МАЪРИФАТ

***Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии рақами 17-уми шаҳри Ангрен имрӯз ба яке аз муассисаҳои фаъолу пешсаф дар самти баланд бардоштани сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии хонандагон табдил ёфтааст. Дар ин даргоҳ на танҳо таълими фанҳои мактабӣ, балки парвариши муҳаббат ба китобу маърифат низ дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад.***



Тирамоҳи соли гузашта бо ташаббуси Маркази маданӣи тоҷикони шаҳри Тошканд «Ориёно» хазинаи китобҳои профессори шодравон, доктори улуми филология Ҳамидҷон Ҳомидӣ, ки қариб 60 соли умри худро ба тарбияи кадрҳо бахшида, осори гаронбаҳо аз худ боқӣ гузоштааст, ба ин мактаб тӯҳфа гардид.

Бо ворид гардидани ин ганҷинаи маънавӣ, дар китобхонаи муассиса гӯшаи махсус бахшида ба профессор ташкил карда шуд. Дар он ҷо аксу шарҳи ҳоли ӯ ҷойгир гардида, хонандагон имкони шиносоӣ бо мероси илмии донишмандро пайдо намуданд. Ин гӯша ва китобхона яке аз маконҳои дӯстдоштаи хонандагон буда, онҳо бо шавқу рағбат осори илмӣ ва китобҳоро мутолиа мекунанд. Дар баробари ин, дар мактаб мунтазам чорабиниҳои маърифатӣ, маҳфилҳои адабӣ ва озмунҳои китобхонӣ баргузор мегарданд, ки дар рушди тафаккури эҷодӣ ва қобилияти таҳлилии хонандагон саҳми назаррас доранд. Омӯзгорон низ талош меварзанд, ки дар зеҳни насли нав эҳсоси эҳтиром ба илм ва шахсиятҳои барҷастаро ташаккул диҳанд.

Ҳамин муҳити солими таълимӣ имрӯз самараи худро низ медиҳад. Хонандагони мактаб на танҳо дар сатҳи маҳаллӣ, балки дар арсаи байналмилалӣ ҳам бо дастовардҳои назаррас баромад намуда истодаанд. Аз ҷумла, бо роҳбарии омӯзгори забони англисӣ Муҳаммад Даdomатов хонандагон дар мусобиқаи бонуфузи English Language Olympiad (ELO) фаъолона иштирок доранд. Ин олимпиада барои наврасони синни 7-10 ва 11-17 сола ташкил гардида, дониши забони англисӣ, маҳорати роҳбарӣ, эҷодкорӣ ва кори дастаҷамъиро ҳамаҷониба месанҷад. Олимпиада аз панҷ бахши асосӣ – лоиҳа (Project), намоиши театрӣ (Theatrical Performance), хизмати иҷтимоӣ (Community Service), санҷиши забон (English Language Test) ва кори дастаҷамъӣ (Teamwork) иборат буда, иштирокчиён дар ҳар яке маҳорати худро нишон медиҳанд. Мавзӯи асосии соли 2026 – «Зеҳни сунъӣ» (Intelligence Artificial) интихоб гардида, аз иштирокчиён пешниҳоди ғояҳои навоварона ва муосирро талаб менамояд.

Қобили зикр аст, ки дастаи мактаби рақами 17 дар марҳилаҳои шаҳрӣ ва вилоятӣ ҷойи аввалро ишғол намуда, ба даври ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифт. Умед аст, ки дар ин марҳила низ натиҷаи баланд нишон дода, минбаъд дар марҳилаи байналмилалӣ, ки соли ҷорӣ дар шаҳри Ҷиддаи Арабистони Саудӣ баргузор мегардад, аз номи Ӯзбекистон иштирок хоҳад кард. Дар баробари ин, дастовардҳои хонандагон дар дигар самтҳо низ шоёни таҳсин мебошанд. Алалхусус, дар олимпиадаи ҷумҳуриявӣ аз фанни забони тоҷикӣ, ки дар вилояти Қашқадарё баргузор гардид, ду нафар хонанда бо роҳбарии омӯзгори фан Рухшона Абдуқодирова иштирок намуда, ҷойҳои намоёнро ишғол карданд. Ин ҳама муваффақиятҳо гувоҳи онанд, ки дар муассиса ба таълиму тарбияи хонандагон диққати махсус дода шуда, барои рушди зеҳнӣ ва эҷодии онҳо шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Меҳнати содиқонаи омӯзгорон ва саъю кӯшиши пайвастаи хонандагон чунин натиҷаҳои назаррасро ба бор овардааст. Бешубҳа, истифодаи ганҷинаи ғании маънавӣ дар раванди таълим яке аз омилҳои муҳими рушди зеҳнӣ ва маънавии хонандагон ба ҳисоб меравад. Зеро китоб чароғест, ки роҳи насли наврo ба сӯи фардои дурахшон равшан месозад.

**Нозимҷон НАМОЗОВ,**
**ҷонишини директор оид ба корҳои маънавияти**
**мактаби №17-уми шаҳри Ангрени вилояти Тошканд.**

***Дар Туркманистон Олимпиадаи байналхалқии мактаббачагон аз фанни риёзиёт баргузор гардид, ки вакилони Ӯзбекистон 16 медали арзиши гуногунро ба даст оварданд.***

# ҒОЛИБИЯТ МУБОРАК!



Боиси хушнудист, ки дар байни ғолибон талабаи синфи 9-уми мактаби ихтисосонидаи рақами 1-уми ноҳияи Каттақӯрғон Ашрафҷон Равшанов низ буда, ӯ бо медали тилло сарфароз гардид.

– Шогирдам ҳангоми таҳсил дар синфи ҳафтум, – гуфт омӯзгори фанни математика Бектош Шодиев, – дар олипиадаи байналхалқии ба номи Ал-Хоразмӣ медали биринҷӣ гирифта буд. Барои пирӯзӣ дар олимпиадаи байналхалқии Қафқоз, ки дар Адигея (Русия) баргузор шуд, аз 13 кишвари ҷаҳон 150 нафар талош варзиданд ва ӯ ба шоҳсуфаи дуюм баромад. Сипас, пайваста хонд ва ниҳоят дар Туркманистон исбот кард, ки мактаби математикаи Самарқанд таҳкурсии пурқувват дорад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# ПИРӮЗИИ ДУРДОНА



Хонандагони сершумори рӯзнома хуб огаҳӣ доранд, ки шогирдони макотиби ноҳияи Сариосиё тайи солҳост, ки ҳам дар миқёси вилоят ва ҳам дар зинаи ҷумҳуриявии олимпиадаҳои фаннӣ пирӯз гардида, натиҷаҳои хубро ба даст меоранд. Ин гувоҳи он аст, ки дар ноҳия ба сифати таълиму тарбияи шогирдон эътибори ҷиддӣ дода мешавад.

Хонандаи синфи 11-уми мактаби таҳсилоти умумии рақами 80-уми ноҳия Дурдона Муродалиева дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаи фаннӣ аз фанни забони давлатӣ сазовори ҷойи ифтихории 3-юм гардид.

Дурдона бо дониши амиқ, эҳтироми бепоён ба илму маърифат ва кӯшишу талоши пайвастааш барои ҳамаи ҳамсолонаш намуна шуд. Ин муваффақият на танҳо ифтихори мактаб, балки ифтихори тамоми ноҳия ва вилоят мебошад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

# РАИСИ МАРКАЗИ ТОҶИКОНИ НОҲИЯ ИНТИХОБ ШУД

***Дар мактаби рақами 53-юми ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарё чорабинии фарҳангӣ баргузор гардид.***

Меҳмонон сараввал аз ҳолати мактаб ва китобхонаи он дидан намуда, қаноатмандӣ ҳосил карданд. Ҳини ба китобхона ворид шудан бо як қатор хонандагони фаъоли мактаб, ки новобаста аз рӯзи истироҳат буданаш ба мактаб омада, шуғли китобхонӣ доштанду ба озмуни «Китобхони ҷавон» омодагӣ медиҳанд, шинос гардиданд.

Сипас, дар толори омӯзгорон маҷлис баргузор гардид, ки дар он масъалаи интихоби раиси Маркази миллӣ-фарҳангии ноҳия мавриди баррасӣ қарор гирифт. Тибқи рӯзномаи ҷаласа суханронии рӯзноманигор Олим Панҷизода, шоир Шукрулло Сироҷ, омӯзгор Шералӣ Фузайлов ва директори мактаб Ширинбек Самадов шунида шуд.

Директори мактаб таъкид намуд, ки муаллими фанни забон ва адабиёти мактаби мазкур Шавкати Абдураҳмон барои раисии марказ номзади муносиб мебошад. Ҳозирин ин пешниҳодро якдилона ҷонибдорӣ намуда, номзадии ӯро тасдиқ карданд.

**Фарида ШОЙМАРДОНОВА,**
**омӯзгори тоифаи олии мактаби рақами 53-юми ноҳияи Олтинсой.**

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-428.
Адади нашр 2059. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
М. Мамаҷонова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.30

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.

Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ«.
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.